Ахлоқ

# Танқид ва худтанқидкунӣ

Дар назари аввал «танқид» вожаи «одилу беозорест», вале он дар таърихи мавҷудияти худ тобишҳои мухталифро ба худ гирифтааст, ки он ба сохти ҷамъиятҳои таърихии инсоният сахт марбут аст.

Агар гӯем, ки афкори танқидӣ дар ибтидо (ҷамоаи ибтидоӣ) аз ифодаи нуқтаи назари маслиҳатомез ва тарбиявии беғаразона иборат буд, хато нахоҳем кард. Танқид танҳо баъди пайдоиши синфҳои иҷтимоӣ, манфиатҳои табақавӣ ва мафкураҳои мухталиф ҳамчун воситаи муборизаи ақидаҳову ҷаҳонбинӣ маънои васеътарро соҳиб гардид. Зеро маншаи асосии танқид тазодҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, яъне зарурати танқид аз ниҳоди диалектикии тазодҳо байни талабот ва имкониятҳои қонеъ гардонидани онҳо, муборизаи наву кӯҳна ва хатоҳои фардӣ (субективӣ) бармеояд, ки дар раванди инкишофи ҷомеъа рӯй медиҳанд.

Танқиди иллатҳои иҷтимоӣ, аз қабили нобаробарӣ, зулму тааддӣ, авомфиребии табақаҳои ҳукмрон, хуруфот ва бидъат мазмуну мундариҷаи осори шоирон, мутафаккирон, олимону равшанфикрони зиёди ниёкони моро ташкил медиҳад.

Танқид бинобар дархӯри табақаҳои синфи ҳукмрон набуданаш ба инобат гирифта намешуд ва мунаққидон сазовори таҳдиду таъқибот мегардиданд.

Мавқеъ ва таъсири танқид дар асри XIX ва XX, вақте ки дар гӯшаву канори ҷаҳон ҳизбҳои дорои мафкураи хосе пайдо шуданд, баланд ва пурқудрат гардид. Онҳо барои васеъ паҳн кардани ақидаву дастурҳои худ ҳамдигарро бераҳмона танқид мекарданд. Кор ба дараҷаи таҳқиру дашном низ мерасид.

Ва ҳамин муборизаи дуру дароз буд, ки яке аз ин гуна ҳизбҳо (ҳизби коммунистӣ) ба сари ҳокимият омаду танқид ба силоҳи хунин мубаддал гардид.

Ин ҳизб дар роҳи барқарор намудани ҳокимияти худ ва барпо намудани давлати «типи нав» аз ҳеҷ гуна зулму ситам, таъқибу таъбидкунӣ рӯй нагардонд. Вале ба танқид ҷомаи нав пӯшонда, эълон намуд, ки «таъқиб барои танқид манъ карда мешавад».

Бо вуҷуди ин дар бораи танқид ва худтанқидкунӣ қарорҳои махсус қабул намуда, онро ба дараҷаи сиёсати ҳизбӣ ва давлатӣ бардошта, ба тамоми дунё ҷор меандохт, ки дар мо ошкорбаёнӣ ҳукмфармост.

Кор ба дараҷае расид, ки ба танқиди бераҳмонаи душманони худ қонеъ нагардида, онҳоро ё ҷисман маҳв намуд ё ватангадо кард. Афкори танқидии онҳоро ба назари эътибор нагирифт. Мардум аз танқид кардани шахсони мансабдору роҳбарони ҳизбӣ метарсиданд, чунки танқид кардани онҳо маънои танқид кардани сохти давлат ва паст шудани нуфузи ҳизбро дошт.

Баъдтар ба хотири демократия, фақат ба хотири худнамоӣ, танқид ва худтанқидкунӣ ба ҳукми анъана дароварда шуд. Дар маҷлисҳо ва гирдиҳамоиҳо аз камбудиҳои ҳаётӣ ҳарф мезаданд, «танқид» мекарданд. Баъзан баъди ҷаласаҳо мегуфтанд: «Дар рӯҳияи танқид ва худтанқидкунӣ гузашт» ё «танқид кам шуд». Ин танҳо ба хотири қарори ҳизбу ҳукумат буд. Ин гуна танқидҳои подарҳаво таъсире надошт, танқидшудагон ба мунаққидон бӯсобӯсӣ мекарданду халқи авом бо даҳони боз аз «озодии танқид» фахр мекард.

Танқид дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, истеҳсолӣ, мафкуравӣ, маданӣ, маишӣ, роҳбарии давлатӣ ҷой дошта метавонад. Ду шакли танқид: 1) ҳамчун омили мубориза ба муқобили душманони сохти нав; 2) ҳамчун омили ёрӣ барои бартараф кардани камбудиҳои дохили ҷамъиятро таъкид бояд кард.

Дар ҳаёти иҷтимоии Ӯзбекистони соҳибистиқлол низ ин ду шакли танқид мушоҳида мешавад. Дар зарфи қариб дувоздаҳ соли истиқлолияти халқи Ӯзбекистон бо роҳбарии Президент чӣ гуна бояд ранг доштани шакли аввалини танқидро намоиш дод. Ба душманони сохти нави давлатдорӣ— давлати демократии ҳуқуқбунёд, дар асоси далелҳои аниқи иҷрошаванда, таклифҳои асосноку боэътимод ва билохира, бо корҳои амалии оламшумул, ки шарти асосии танқид аст, беҳуда будани кӯшишу ифроткориҳои онҳоро исбот намуд.

Фармони Президенти Ӯзбекистон «Дар бораи аз ҷурми ҷиноӣ озод кардани шаҳрвандони Ӯзбекистон, ки ба ҳайати гурӯҳҳои террористон иштибоҳан ҳамроҳ шудаанд» нишони олии сиёсат инсонпарваронаест, ки муносибати ба танқид доштаи сарвари давлат ва сохти демократиро намоиш дод. Зеро онҳо низ нисбати сохти нави пешгирифтаи Ӯзбекистон ақидаҳои танқидӣ дошта буданд.

Чӣ гуна пурҳикмат будани суханони Президент: «Алайҳи мафкура фақат бо мафкура,..алайҳи ҷаҳолат фақат бо маърифат мубориза мебарем»-ро бояд таъкид намуд. Ин гуна муносибат танҳо дар давлати ҳақиқатан демокративу шаҳрвандӣ вуҷуд дошта метавонад.

Акнун вақти он расидааст, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Ӯзбекистон ба шакли дуввуми танқид эътибори ҷиддӣ дода шавад. Дар ин хусус Президент дар ҳар баромаду воҳӯриҳо дар Олий Маҷлис ва иҷлосияи Шӯрои намояндагони халқи вилоятҳо ибрози ақида намуда, бо сӯзу гудоз, «хуни ҷигар хӯрда» камбудиҳоро танқид мекунад, роҳбаронро баҳри бартараф намудани онҳо раҳнамун месозад. Вале, садҳо афсӯс, ки роҳбарони ҳанӯз аз бемории солҳои «ошкорбаёнӣ» халоснашудаву ба танқиди мавсимӣ ва анъанавӣ одаткарда аз паи кор шудан намехоҳанд, лоқайдиву бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Намунаи олии танқиди холисона, ҷонсӯзона ва асоснокро дар баромадҳои Президент дар иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилоятҳои Қашқадарё (с 2000) ва Сурхондарё (с 2002), инчунин дар ҷаласаи дар Девони Вазирон баргузоргардида (с 2003) дида метавонем. Мазмун ва моҳияти танқидро дар заминаи ҳаётӣ чунин бояд шарҳ дод.

Шахси танқидшуда кист? Магар ӯро бо «задашуда, сиёҳкардашуда» гуфта, аз вазифа озод кардан бурд мекунем? Шахси танқидшударо бо ибораи «обутобёфтаву тобоваранда, аз таҷрибаи ҳаётӣ гузашта» ҳам ифода кардан мумкин-ку!? Камбудии онҳоро гӯшрас намудану аз нав тарбия кардан магар ба манфиати кор нест? То ба дараҷаи иваз намудани кадрҳои роҳбарикунанда омада расидани вазъият имкониятҳои васеи огоҳсозӣ, хабардиҳӣ, тарбиякунӣ ва ислоҳсозӣ магар мавҷуд нест?! Ҳаст. Ин муносибат ба танқид мебошад, ки бояд дар маҳалҳо, дар зинаҳои поёнии идоракунӣ ба амал бароварда шавад. Чашми халқ ҳамабин асту аз камбудиву норасоиҳои ҳаёт сари вақт огоҳ мегардад. Вале бинобар лоқайдиву бепарвоии худ ва нописандии роҳбар аз ошкор намудани он худдорӣ мекунад. Дар натиҷа камбудии хурдакаки сари вақт пайхаснашудаву ислоҳнагаштаи маҳаллӣ «газак» гирифта, то ба дахолаткунии сарвари давлат рафта мерасад.

Дар айни вақт тарзу услуби ошкор намудани зиддиятҳои дохилии инкишофи ҷамъиятӣ, яке аз қоидаи умдаи фаъолияти дигаргунсозандаи тамоми халқ, яке аз қувваҳои муҳаррикаи тараққиёти ҷамъияти демократии шаҳрвандӣ будани танқидро ба мадди аввал баровардан, танқиди беғаразӣ аз манфиати шахсӣ ориву ба беҳбудии зиндагӣ дархӯрро ба роҳ мондан вазифаи таъхирнопазир ба ҳисоб меравад. Зеро дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол ба ин гуна танқид шароит ва заминаи сиёсӣ фароҳам оварда шудааст ва бо Қонун мустаҳкам гардидааст: «Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳаёти иҷтимоӣ дар асоси институтҳои сиёсӣ, мафкура ва ақидаҳои мухталиф ривоҷ меёбад. Ҳеҷ гуна мафкура ба сифати мафкураи давлатӣ пойдор шуданаш мумкин нест« (Қонуни Асосӣ, м.12).

Аз ин рӯ барои сари вақт ошкор намудану ислоҳ кардани камбудиҳову нуқсонҳои ҳаётӣ, ки бештар дар натиҷаи бепарвоӣ ва лоқайдии роҳбарон ба вуҷуд меояд, ба танқиди беғаразона, маслиҳатомез ва лозим ояд, тезу тунд одат бояд кард. Дар ин иқдом мавқеи воситаҳои ахбори умум хеле калон буда, аз журналистон, мухбирони ҷамоатӣ ва ҳамаи шаҳрвандон фаъолнокӣ, таҳлилкорӣ ва муҳимаш нотарсиву истодагариро тақозо мекунад. Аммо набояд аз пашша фил созем, ба манфиати шахсӣ «сиёҳ»-ро «сафед»-у «сафед»-ро «сиёҳ» бигӯем!

**Равшани МӮЪМИН,**
**ноҳияи Сӯх.**

Садо аз мозӣ

# Вақте таърих ба забон меояд...

Дар ҳузури университети давлатии Тирмиз бо номи «Дар ҷустуҷӯи ёдгориҳои нодир» экспедитсия созмон ёфтааст. Ба он академик Бекмурод Қодиров сарварӣ менамояд. Ба наздикӣ аъзоёни экспедитсия дар деҳаи Кампиртеппа, ки воқеъ дар домани кӯҳи Кӯҳитанги ноҳияи Шеробод мебошад, ба хазинаи маънавии бузурги қадимае дучор омаданд.

Маълум гашт, ки ин хазинаи маънавӣ ба маърифатпарвар Эгамбердӣ Бекмуҳаммадзода тааллуқ дорад. Мирзо Эгамбердӣ Бекмуҳаммадзода соли 1924 дар гарнизони ҳарбии Шеробод таъбид ва парронда шудааст. Ӯ худ зиёӣ буда, бо забонҳои арабӣ, форсӣ, юнонӣ, русӣ, тоҷикӣ ва ҳиндӣ адабиётҳои зиёдро мутолиа мекард. Аз вай китобхонаи бое ба мерос мондааст. Ин китобҳо аз ҷониби писараш Муҳаммад Исо Махсум дар ғорҳо ва қабристонҳо нигоҳдорӣ мешуданд.

Мавриди эътибор аст, ки ин дастнависҳои нодир ба асрҳои IX—XII мансуб буда, барои фанни мо навигарӣ ва бозёфти муҳиманд. Ин асарҳои бебаҳо, ки доираи фанҳои астраномия ё ҳуқуқшиносӣ, педагогика, психология, иқтисодиёт, молия ва ғайраҳо мебошанд, дар фарогирии ин соҳаҳо манбаи басо арзишноканд.

Китобҳо хеле зиёданд. Тоза ва озодагии беш аз 30- тои онҳо касро ба ҳайрат меандозад.

Бозёфт таърихи қадимаи маънавию маърифӣ доштани диёри моро дигарбора собит сохта, бовариро ба ҷамоаи экспедитсияи илмии «Дар ҷустуҷӯи ёдгориҳои нодир» боз ҳам афзун мегардонад.

***Дар сурат:** (аз чап) номзади фанҳои филологӣ, дотсент **Шариф Ёқубов**, роҳбари экспедитсияи илмии «Дар ҷустуҷӯи ёдгориҳои нодир», академик **Бекмурод Қодиров**, зиёии деҳаи Кампиртеппа **Эргаш Ҳушмонов** ва оне, ки дастхатҳоро то алвақт маҳфуз медошт **Раҳимбердӣ Норқувватов** дар назди масҷид дастнависҳоро аз назар мегузаронанд.*

Муаллифи матн ва сурат,
**Искандар ХӮҶАЕВ (ӮзА).**



# Эҳёи корвонсаройҳо

Донишкадаи тадқиқоти Осиёи Марказии Франсия ташаббускори барқарор ва тармим намудани баъзе корвонсаройҳои Бухоро шуд. Дар оғози асри XX дар шаҳр беш аз 30 корвонсарой барои савдогарони хориҷӣ мавҷуд буда, дар онҳо савдои яклухтфурӯшии молҳои аз тамоми мамлакатҳо оварда шуда ба амал меомад. Мутаассифона онҳо солҳои ҳукмронии Шӯроҳо вайрону валангор гаштанд. Қисме аз онҳо то имрӯз ҳамчун вайронаҳо ба чашм мерасанд.

Дар давраи аввал ширкати франсавии «AJS Lnternational», ки ҳомии асосӣ мебошад, корҳои тадқиқотӣ ва таъмири иншоотҳои корвонсаройҳоро ба анҷом расонданист. Сипас корҳои ба лоиҳагирии ҳамчун базаи музеи Роҳи бузурги абрешим истифода бурдани корвонсаройҳо оғоз меёбад. Бо ҳамин онҳо дар як қатор мамлакатҳо бо экспозитсияи худ иштирок карда метавонанд.

Алҳол дар қисми шаҳри қадима, ки дар он ҷо қисми асосии корвонсаройҳо ҷойгир шуда буданд, корҳои ҳафриётӣ идома дорад.

— Корҳои археологӣ дар қисми қадимаи Бухоро, дар шафати ёдгориҳои таърихии «Мағоки атторӣ», ки он аз намунаҳои тамаддуни давраи ибтидои ислом мебошад, гузаронда мешавад,— мегӯяд роҳбари ҳафриёти таърихӣ Елизавета Некрасова — муаллифи беш аз 60 кори илмӣ. Солҳои охир ӯ дар Франсия, Олмон, Россия корҳои илмиашро ба чоп расондааст. Инҳо тадқиқоти «Бозорҳои Бухоро дар асрҳои XYI-XX», «Маҷмӯи Саррофон», «Чашмаи Айюб», «Реҷаҳои Бухоро барои 300 сол», инчунин силсилаи мақолаҳо дар маҷаллаи илмии ҳарсолаи Россия «Маданияти ислом дар территорияи империяи собиқи Россия» мебошанд.

Тавре ки Е.Некрасова қайд кард, дар Бухоро дар нимаи асри XIX маҷмӯе сохта шуда будааст, ки дар он корвонсаройи «Фатхуллоҷон», «Аёз», «Мулло Салим Аълам», «Тамокуфурӯшон» амал мекарданд. Солҳои 40-50-ум онҳо ҳамчун хонаҳои коммуналӣ истифода мешуданд. Рафта-рафта онҳо аз эътибор дур монданд. Фақат соли 70-ум он биноҳо аз берун тармим гардиданду халос.

Ба туфайли гузарондани корҳои ҳафриётӣ ҷойҳои махсуси нигоҳ доштани ҳайвоноти боркаш, анборхонаҳои корвонсаройҳо муайян карда шуданд. Маълум шуд, ки ҳамаи онҳо дар асоси як лоиҳае, ки ҳанӯз дар асри XYI тайёр карда ва дар бунёди хонаҳои истиқоматии гуногунмасштаб истифода мебурданд, ба бунёд омадаанд.

— Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳанӯз 4 аср пеш аз ин бухороиёни ихтироъкор ба сохтмони биноҳое шурӯъ карда будаанд, ки нисбатан камхарҷ мебошанд,— мегӯяд Е.Некрасова. Дар тамоми корвонсаройҳо ҳуҷраҳои истиқоматӣ, анборхонаҳо, ҷойҳои махсус барои нигоҳ доштани ҳайвоноти боркаш пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин дар онҳо биноҳои махсуси хизматрасонӣ, масҷидҳои хурд-хурд низ будааст. Мутаассифона вайронаҳои корвонсаройҳо то ба мо расида наомадаанд. Вале эскиз ва нақшаҳои биноҳои ба онҳо монанд дар наздикиҳои Бухоро ба чашм мерасанд. Ба ин корвонсаройи «Работи Малик», ки дар қаламрави вилояти Навоӣ ҳаст, мисол шуда метавонад. Ин гуна иншоот дар қаламрави Туркманистон ҳам мушоҳида мешавад. Онҳо иншоотҳои калони савдо бо тамоми қулаиҳои ҳамондавра ба ҳисоб мерафтанд.

**ОМИ«Туркистон-пресс».**

# Тавсияҳои методӣ

## оид ба гузаронидани анҷумани августии омӯзгорони забони тоҷикӣ ва адабиёт

Дар мактабҳои таълимашон тоҷикӣ кор дар асоси нақшаи омӯзише пеш бурда мешавад, ки аз ҷониби Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ шудааст.

Ислоҳоти соҳаи таълим талабҳои навро пеш мегузорад, зеро баланд бардоштани савияи дониш ва инкишофи ҷаҳонбинии донишомӯз, мустақилона ва озод фикр рондану сайқал додани тафаккури эҷодии онҳо вазифаи асосии муаллим ба ҳисоб меравад. Инкишофи нишондиҳандаи сифатии таълим камолоти такягоҳи оянда гардидани онҳо, ба таъриху адабиёти имрӯзаю гузашта ошно шудан, нумӯи бедории маънавию маърифии донишомӯз ба маҳорату малака ва сифати таълиму тарбияи омӯзгор вобаста аст. Ҳар як омӯзгор бояд ба воситаи фикру андешаҳои тоза фаъолияти хонандагонро баҳри хубу амиқтар дарк намудани ҳодисоти замон равона созад. Омӯзгор метавонад бо тарзу усулҳои таълими лаҳзаҳои алоҳидаи машғулот, иттилоот ва андешаҳои китоби дарсиро маънидод ва ҳамаҷониба таҳлил намояд.

Омӯзгор дарсро бояд тавре ташкил намояд, ки дар синф муҳити гуфтугӯи озод ба вуҷуд ояд, ҳар як хонанда таҷрибаву андешаҳои худро ба ҳамсабақон кушоду равшан баён карда тавонад. Аз ин лиҳоз, омӯзгор вазифадор аст, ки аз ҳар гуна шарҳу эзоҳ ва пурсишҳое, ки хилофи фикру мулоҳизоти хонандагон аст, худдорӣ намояд. Ӯ метавонад хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим карда, супориш диҳад, ки мавзӯъро худашон муҳокима намуда, баъд ба дарс биёянд. Шояд ин усули дарс ба донишомӯзон имконият диҳад, ки дар раванди муҳокима фикру андешаҳои ҷолиби диққат ва ғайричашмдошт баён созанд.

Дастурҳои омӯзише, ки дар асоси стандарти давлатии таълимӣ (СДТ) офарида шудаанд, барои фаҳмонидани мавзӯъ ва баланд бардоштани савияи дониши хонандагон аз омӯзгор ҷӯяндагӣ, босаводӣ, истифода аз методҳои гуногуни таълимӣ ва маҳорати касбиро тақозо мекунад. Бинобар ин мувофиқи талаби замон анҷуманҳои августии анъанавие, ки ба омӯзгор аввалин кӯмакҳои методиро мерасонад, бояд бо шакл ва мазмуни билкул нав гузаронда шавад. Аз ин рӯ ба дӯши мудирони кабинетҳои методии шӯъбаҳо масъулияти калон бор аст. Онҳо бояд анҷумани августиро бо шакл ва усулҳои нав ташкил намоянд. Ҳар як иштирокдори он бояд фаъол бошад. Барои таҷриба андӯхтану малака ҳосил намудани омӯзгорон анҷуманҳои августиро дар шакли семинар-тренинг гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Ба семинар-тренинг сарварони иттиҳодияи методии фанҳо даъват карда шудаанд, онҳо нақшаи солонаи кориро тартиб медиҳанд ва материалҳоеро, ки ба семинар-тренинги анҷумани августии омӯзгорон алоқаманд аст, аз назар гузаронида мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Хусусан, омӯзгорони фанни адабиёт дар семинар —тренинги барои сарварони иттиҳодияи методӣ ташкилнамуда бояд ба чӣ тавр ташкил кардани фаъолияти босамари омӯзгор дар ҳоли ҳозир ва барои беҳсозии омӯзиши адабиёт эътибори ҷиддӣ бидиҳанд. Дар семинар —тренингҳо бояд мавзӯъҳои муҳиме мавриди баррасӣ қарор ёбад, ки хонандагонро ба озодфикрию мустақилона хулосабарорӣ ҳидоят созанд.

Барои ташкил додани фаъолияти самараноки иттиҳодияи методии фанҳо ба масъалаҳои зер бояд эътибор дод.

**Нақшаи (коғази) кории иттиҳодияҳои методӣ бояд аз чӣ иборат бошад?**

1. Дафтари кории саҳифанок.
2. Мундариҷа.
3. Маълумоти умумӣ дар бораи омӯзгор.

| № | Ном ва насаби омӯзгор | Соли таваллуд | Кадом донишгоҳро хатм кардааст, кай, маълумот | Ихтисос | Фаъолияти (корӣ) педагогӣ | Тоифа | Соати дарс | Соли такмил додани малака ва ихтисос, кай |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

4. Нақшаи кории солона (барои чоряки I-II-III-IV) (моҳҳои VIII-V).
5. Қарори маҷлиси моҳона (моҳҳои VIII-V).

Дар нақшаи солонаи иттиҳодияи методӣ чунин масъалаҳо бояд мавриди баррасӣ қарор ёбад:

1. Масъалаҳои моҳонаи фанҳо.
2. Ҷадвали дарсҳои кушод.
3. Нақшаи маърӯзаҳои методӣ.
4. Вазъи омӯзонидани фанҳо.
(V- VII), (VIII- IX), (X-XI).
5. Ҳисоботи чорякӣ.
6. Материал (мавод) ва натиҷаҳои озмуни фаннӣ.
7. Таҷрибаи корҳои намунавӣ.
8. Гузаронидан ва натиҷаҳои кори хаттӣ (дафтари кори хаттӣ)
9. Тартиби тадбири корҳои берун аз синф.
10. Назорати маҳфилҳо.
11. Дараҷаи таъминот бо китобҳои дарсӣ ва нигоҳ доштани онҳо.
12. Тайёрӣ ба имтиҳонҳои хаттӣ ва баргузории онҳо.
13. Кор бо кормандони ҷавон.

Хизмати методӣ ба воситаи анҷумани августии анъанавӣ ба амал бароварда мешавад. Маълум аст, ки забон ва адаб ҳусн ва ойинаи таърих буда, ҳастии забон, мавҷудияти халқу миллат аст. Аз ин лиҳоз, сари вақт ва ба таври конкрет ба ҳар як хонанда фаҳмондани мавзӯъҳое, ки оид ба масъалаҳои ғояи миллӣ, муҳаббат ва дилбастагӣ нисбат ба забони модарӣ, адабиёту миллат, фарҳанг ва таърихи гузаштаву имрӯз дар семинар-тренингҳо ва анҷуманҳои ҳар як шӯъба мавриди муҳокимаи ҳатми бояд қарор бигирад.

Мавзӯъҳои зерин барои семинар-тренингҳое, ки дар машварати августӣ гузаронида мешавад, тавсия карда мешаванд:

1. Дар ҷараёни таълим ба донишомӯзон тавзеҳ додани ғояи истиқлоли миллӣ.
2. Роҳҳои истифодабарӣ аз воситаҳои технологияи педагогии пешқадам.
3. Фаҳмондани роҳҳои беҳтари эҷодӣ мустақилона фикр рондан.
4. Истифода аз воситаҳои техникӣ дар ҷараёни таълим.
5. Инкишофи нутқи хонандагон ва омӯзондани материалҳои зарурӣ.
6. Омода кардани хонандагон ба тақризнависӣ.
7 Ба хонандагон омӯзондани донишҳои ҳуқуқӣ дар машғулиятҳои адабиёт.
8. Талабҳои замонавӣ ба муаллимони адабиёт.
9. Таҳлили дарсҳои замонавӣ.
10. Фаъолияти иттиҳодияи методии фанҳо.
11. Омилҳои самаранокии дарс.
12. Инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии доиншомӯзон.

Омӯзгорони фанни адабиёт дар семинар —тренинг бояд ба чӣ тавр ташкил кардани фаъолияти самараноки омӯзгор дар ҳоли ҳозир ва барои беҳдошти омӯзиши адабиёт эътибори ҷиддӣ бидиҳанд. Хусусан сарварони иттиҳодияи методӣ, маъмурияти мактабҳо, омӯзгорони ҳар як фан вазифадоранд хонандагонро бо китобҳои дарсӣ таъмин намоянд. Зеро самаранокии дарс, қобилияти мустақил фикррронӣ, маҳорати эҷодӣ, тасвиргарию рангинхаёлӣ ва раҳсипор шудани хонандагон ба сӯи камолоти маънавӣ вобаста бо таъмин будани китобҳои дарсию бадеии онҳост. Ҳар як падару модар ва омӯзгорон бояд хуб дарк кунанд, ки донишомӯзон, яъне фарзандони мо — номбардорони имрӯзу оянда, зиндадорони забони модарию пойдории миллати мостанд ва ҳар яки мо вазифадор ва қарздорем, ки онҳоро аз сарчашмаи илму маърифат шодоб созем.

Маълум аст, ки дар мактабҳои таълимашон тоҷикии ҷумҳурият аз китобҳои дарсии дар нашриётҳои «Ӯзбекистон», ба номи «Абӯалӣ ибни Сино», «Меҳнат» ва ғайра истифода мебаранд.

### Рӯйхати китобҳои дарсие, ки дар нашриётҳои гуногун чоп шудаанд

| № | номгӯи китоб | синф | номи нашриёт | нарх |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Алифбои конститутсия | синфи 2 | консерни «Шарқ» | 480 сӯм |
| 2 | Алифбои конститутсия | синфи 3 | консерни «Шарқ» | 480 сӯм |
| 3 | Алифбои конститутсия | синфи 4 | консерни «Шарқ» | 480 сӯм |
| 4 | Саёҳат ба олами конститутсия | синфи 5 | консерни «Шарқ» | 345 сӯм |
| 5 | Саёҳат ба олами конститутсия | синфи 6 | консерни «Шарқ» | 380 сӯм |
| 6 | Саёҳат ба олами конститутсия | синйи 7 | консерни «Шарқ» | 495 сӯм |
| 7 | Таърихи ҷаҳон | синфи 7 | консерни «Шарқ» | 1050 сӯм |
| 8 | Асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ | синфи 9 | консерни «Шарқ» | 725 сӯм |
| 9 | Ӯзбек тили барои мактабҳои тоҷикӣ | синфи 8 | Нашр. «Ижод дунёси» | 540 сӯм |
| 10 | Забони модарӣ | синфи 2 | «Чўлпон» | 810 сӯм |
| 11 | Ҳикояҳо аз таърихи Ватан | синфи 5 | «Чўлпон» | 540 сӯм |
| 12 | Шиносоӣ бо муҳити зист | синфи 2 | «Чўлпон» | 843 сӯм |
| 13 | Табиатшиносӣ | синфи 3 | «Ёзувчи» | 965 сӯм |
| 14 | Алгебра | синфи 7 | «Ёзувчи» | 1038 сӯм |
| 15 | Забони модарӣ | синфи 3 | «Ӯзбекистон» | 970 сӯм |
| 16 | Математика | синфи 6 | «Ӯзбекистон» | 880 сӯм |
| 17 | Рӯзномаи мушоҳидаи табиат | синфи 4 | «Ӯзбекистон» | 490 сӯм |
| 18 | Китоби хониш | синфи 2 | «Ӯзбекистон» | 915 сӯм |
| 19 | Зоология | синфи 6-7 | Нашр «Ибни Сино» | 2170 сӯм |
| 20 | Таърихи Ӯзбекистон | синфи 7 | Нашр «Мероси халқ» | 1540 сӯм |
| 21 | Математика | синфи 2 | «Ӯқитувчи» | 1328 сӯм |
| 22 | Таърихи динҳои ҷаҳон | синфи 9 | Донишгоҳи ислом | 950 сӯм |

Рақами телефони нашриёти «Ӯзбекистон»: 144-11-90: 144-38-10, нашриёти «Ӯқитувчи»: 144-92-65, нашриёти «Мероси халқ» 144-61-51, 144-35-32: нашриёти «Чўлпон» 139-13-75 144-19-99: консерни «Шарқ» 139-55-40: нашриёти ба номи Ибни Сино 144-51-72: Университети исломӣ 144-64-30: нашриёти «Ёзувчи»: 144-64-52.

Китобҳои дарсии «Алифбо», «Забони модарӣ» ва «Китоби хониш» (барои синфҳои 1-1V) кайҳо аз нашр баромадаанд ва бояд дастраси хонандагон шуда бошанд. Китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва адабиёт барои синфҳои V-1X мактабҳои таълими ҳамагонӣ аз ҷониби муаллифон дар асоси стандарти давлатии таълим аз нав навишта мешаванд. Забони тоҷикӣ ва адабиёт (с.V) то соли хониши нав дастраси хонандагон гардида,забони модарии синфҳои VIII-IX омодаи нашр аст. Дар китобҳои дарсӣ усулҳои нав ба нави илмазхудкунӣ талқин шуда, мақсади асосӣ дар ниҳоди донишомӯзон тарбия намудани ҳамфикрӣ инчунин дар онҳо бедор кардани ҳисси муҳаббат нисбат ба адабиёти бадеӣ мебошад.

Ба ғайр аз ин маъмурияти мактабҳо метавонанд дигар китобҳои дарсиеро аз хазинаи нашриётҳои зикргардида дастрас намоянд. Аз ин рӯ рӯйхати китобҳои дарсие, ки дар нашриётҳои гуногун чоп шудаанд, ба тариқи илова пешкаш мегардад, то дастрас намудани онҳо осонтар гардад.

Барои гузаронидани семинар —тренингҳо ба аъзоёни иттиҳодияи методӣ ва омӯзгорон чунин мавзуъҳо ба таври намуна пешниҳод карда мешаванд:

### I. « Технологияи педагогии пешқадам дар дарс».

1. Самаранок гузаронидани дарс дар асоси ҳамкории омӯзгор ва донишомӯз.
2. Фаъолона иштирок намудани донишомӯз дар баҳсу мунозираҳо ба таври якка, ҷуфт ва гурӯҳ.
3.Ташаккул додани мустақилфикрию боварӣ ба хонандагон.
4. Дар асоси далелу санадҳо баён намудани фикр аз ҷониби ҳар як донишомӯз.
5. Вазифаҳои ташкилотчигӣ ва мушоҳидагариро иҷро кардани омӯзгор ҳангоми азхуд намудани мавзӯъҳои танқидию таҳлилӣ аз ҷониби донишомӯзон.

### II. «Самаранокии дарс»

1. Зинаҳои илмазхудкунӣ аз ибтидо то интиҳои дарс.
2. Фазилатҳои маънавию касбии муаллими ҷавон.
3. Саводи психологию педагогӣ доштани омӯзгор.
4. Истифодаи омӯзгор аз дастурҳои омӯзишӣ в воситаҳои ба роҳ мондани метод, шакл ва усулҳо аз ҷониби омӯзгор.
6. Мавриди муҳокима қарор гирифтани муносибати омӯзгор бо донишомӯз.

3 Талабҳои замонавӣ ба муаллимони фанни забони тоҷикӣ ва адабиёт.

1. Кабинети фаннӣ чӣ тавр ҷиҳозонида мешавад?
2. Бо кадом тартиб гузошта шудани ҷиҳозҳо.
3. Вуҷуд доштани воситаҳои техникӣ ва дастурҳои омӯзишӣ, ки барои самаранокии таълим таъсири мусбӣ расонда тавонанд.
4. Дар назар дошта шудани синну сол ва хислатҳои хоси донишомӯзон.
5. Ба ҳисоб гирифтани шудани дараҷаи дониши донишомӯзон...

**Ҷумъаназар ЭШОНЗОДА,**
**сарметодисти Маркази таълими Вазорати маорифи халқи Ӯзбекистон.**

